КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Дастурамал оид ба пешниҳоди эъломияи нави хизматчии давлатӣ

1. Барои истифодаи барномаҳои компютерии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сараввал ба сомонаи расмии Кумитаи андоз бо нишонаи **andoz.tj** ворид гардида, ба мақсади бақайдгирии истифодабарандаи утоқи шахсӣ, дар қисми рости саҳифаи асосии сомона, қисмати **«Ҳамаи хизматрасонии электронӣ»**-ро интихоб намуда, тавассути пахш кардани он шахс ба дохили намудҳои хизматрасониҳои электронӣ ворид мегардад.



2. Пас аз ворид гардидан, аз намудҳои хизматрасониҳои электронӣ Номгӯи **<u>«Бақайдгирии истифодабарандаи утоқи шахсӣ</u>»**-ро интихоб намуда, онро бо мушаки компютер пахш намудан зарур мебошад.



Ҳангоми ворид гардидан ба Номгӯи «**Бақайдгирии истифодабарандаи утоқи шахсӣ**» пайдарпаии анҷом додани амалиётҳои зерин зарур мебошад:

Дар қисми чапи Барнома, дар хоначаи алоҳида дарҷ намудани **PMA**-и истифодабаранда;

Баъд аз ворид намудани **PMA**, барои муайян намудани дурустии маълумоти истифодабарандаи Барнома, аз ҷумла ному насаби истифодабаранда, сана ва макони дода шудани шиноснома, тугмачаи «**Тафтиши маълумот**»-ро пахш намудан зарур мебошад;

Сипас, ҳангоми азназаргузаронӣ ва боварӣ ҳосил намудан аз дурустии маълумоти мавҷудбуда, аз ҷониби истифодабаранда хоначаҳои алоҳида, аз ҷумла суроғаи зист, рақами телефон ва почтаи электронӣ хонапурӣ карда мешаванд.

Ду хоначаи навбати, яъне «**Илова намудани рамз**», «**Илова намудани саҳифаи ассосии шиноснома**» ва «**Ҷойи қайди махсуси шиноснома**» ворид намудани расм ва нусхаи шиносномаи истифодабаранда ҳатмӣ мебошанд. Амалиёти мазкур бо пахш намудани тугмачаи «**Выберите файл**», ки дар дохили ҳар ду хоначаҳо мавҷуд мебошанд, амалӣ карда мешавад.

Баъд аз анҷом додани амалиётҳои зикргардида, бо пахши тугмачаи «**Сабткунӣ (баъд аз сабт, ивази маълумот ғайриимкон мешавад)**» маълумот оид ба истифодабарандаи утоқи шахсӣ ба қайд гирифта мешавад.



Кумитаи андози
назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Қонунгузорӣ
Ба андозсупорандагон
Бақайдгирии давлатӣ
Кумита
Президенти ҶТ
Тоҷикистон – мамлакати сайёҳӣ
Бақайдгирии истифодабарандаи утоқи шахсӣ
Диқат!
Лутфан ҳангоми пуркардани майдонҳо бо диққат бошед. Пас аз сабт, ивази маълумот ғайриимкон мешавад.
РМА-ро ворид кунед
РМА
047045712
Тафтиши маълумот
Тугмачаи "Тафтиши маълумот"-ро пахш намоед
Ному насаби истифодабаранда
Мухтарова Муборак Сухробовна
Суроғаи зист
Рақами телефон
9929000000000
Почтаи электронӣ
Маълумоти даркориро ворид намоед
Расми худро ҳатман илова намоед
Расмро илова намоед
Выберите файл Файл не выбран
Саҳифаи асосии шиносномаро илова намоед
Выберите файл Файл не выбран
Ҷойи қайди махсуси шиносномаро илова намоед
Выберите файл Файл не выбран
Ҷойи қайди махсуси шиносномаро илова намоед
6 9 4 2
Саҳифаи асосии шиносномаро илова намоед
Рамзи ҳимояviро ворид кунед
Сабткунӣ
Пас аз ворид намудани ҳама маълумотҳо тугмачаи "Сабткунӣ"-ро пахш намоед

Пас аз сабткунии маълумотҳо оиди шахси воқеӣ маълумоти воридгардида, ба таври автоматӣ ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равон карда мешавад. Пас аз тасдиққунии маълумот аз тарафи Кумитаи андоз ба телефони истифодабаранда тавассути СМС логин ва рамзҳои махсус пешниҳод мегардад.

Минбаъд барои бо логин ва рамзи махсус ворид гардидан ба утоқи шахсии андозсупоранда, аз ҷониби истифодабаранда мебояд **ба саҳифаи асосии** сомонаи Кумитаи андоз баргашта, дар қисми рости сомона тугмачаи «**Утоқи шахсии андозсупоранда**»-ро пахш намудан зарур мебошад.



Бо баробари пахш намудани тугмачаи қайдгардида, дар монитори компютер хоначаҳо барои дохил намудани маълумот, ки ба телефони истифодабаранда пешниҳод шудааст, нишон дода мешавад.
Ба истифодабаранда зарур мебошад, ки дар хоначаи «**Номи истифодабаранда**» маълумот оид ба РМА, дар хоначаи «**Рамзи махфӣ**» - рамзе, ки ба телефони истифодабаранда пешниҳод шудааст, инчунин рақамҳои дар акси барнома нишондодашударо хонапурӣ намояд.



Сипас, баъди ворид намудани маълумотҳои зикргардида, тугмачаи «**<u>Дохилшавӣ</u>**»-ро пахш намуда, бевосита ба Барнома ворид гардидан имконпазир мегардад.




Рамзи махфӣ бо воситаи СМС ирсол мешавад (ҳар як маротибаи ворид шудан ба утоқи шахсӣ тавассути СМС рамзи нав ирсол мешавад)

Пас аз ворид кардани рамзи махфӣ тугмачаи "Дохилшавӣ"-ро пахш намоед

Қайд намудан бамаврид аст, ки ҳангоми аз ҷониби истифодабаранда фаромӯш кардани Рамзи махфӣ, ба истифодабаранда имконияти такроран гирифтани рамзи махфӣ дода мешавад. Дар ин ҳолат, истифодабаранда тугмачаи **«Рамзро фаромӯш кардед?»**-ро пахш намуда, РМА ва рақами телефони худро дар хоначаҳо илова менамояд ва тугмачаи **«Равонкунӣ»**-ро пахш менамояд.



Бо баробари ворид гардидан ба «**Утоқи шахсии андозсупоранда**» ва ворид намудани маълумотҳои зарурӣ, барои пешниҳод намудани эъломияи хизматчии давлатӣ, дар қисми чапи Барнома тугмачаи «**Меню**»-ро пахш карда, ба қисми «**Эъломияи хизматчии давлатӣ**», ки баъди пахш кардани тугмачаи «**Меню**» нишон дода мешавад, даромадан зарур мебошад



Эъломияи андоз аз даромад як ҷузъи эъломияи хизматчии давлатӣ буда, тибқи талаботи Кодекси андози ҶТ ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» **то санаи 1 апрел ҳар сол** аз ҷониби хизматчии давлатӣ ба мақомоти андози маҳалли истиқомат пешниҳод карда мешавад. Бо ин мақсад шакли электронии пешниҳоди эъломияи андоз аз даромади хизматчии давлатӣ таҳия карда шудааст, ки он имконият медиҳад, ки истифодабарандаи он бе ташриф овардан ба мақомоти андоз маълумот оид ба даромадро ба эъломия дохил карда, ба мақомоти андоз ирсол намояд

Дар варақаи «**Дохилкунии эъломияи хизматчии давлатӣ**» маълумотҳои зарурӣ, аз қабили номгӯи нозироти андоз, намуди эъломия, ному насаби истифодабаранда, маълумот оид РМА, давраи ҳисоботӣ ва мӯҳлати ворид намудани эъломия хонапурӣ карда мешаванд.




Эзоҳ: ҳангоми иваз шудани маҳалли зист, нозироти андозро иваз кардан лозим аст.

Барои ворид намудани маълумотҳои дахлдор, аз ҷониби истифодабарандаи он сараввал хоначаҳое, ки дар қисматҳои «**Номгӯи мақомоти давлатие, ки дар он фаъолият мебаред**», «**Мансаб (вазифа)**» ва «**Рақами телефони мобилӣ**» мавҷуд мебошанд, хонапурӣ карда, сипас маълумотҳои заруриро вобаста ба даромади гирифташуда дохил карда мешаванд



Аз ҷониби ҳар як хизматчии давлатӣ маълумотҳои зерин дар эъломия нишон дода мешаванд, аз ҷумла:

## Банди I. Молу мулки ғайриманкул (биною иншоот)

Банди I. Молу мулки ғайриманқул (биною иншоот)

| Рамзи | Номгӯи молу мулк(моликияти хусусӣ), аз ҷумла дар хориҷа | Миқдор | Масоҳат(м2) | Маҳалли ҷойгиршавӣ ва бақайдгирӣ | Сана ва рақами бақайдгирии ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи моликият | Маблағи андози пардохтшуда (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 001 | Хонаи истиқоматӣ (квартира) | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 002 | Хонаи истиқоматӣ (ҳавлӣ) | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 003 | Бустонсаро | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 004 | Дигар молу мулки ғайриманқул (номи молу мулк) | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| | Ҷамъи бандҳои 1-4 | 0 | | | | 0 |

# Банди II. Молу мулки ғайриманкул (қитъаи замин)

Банди II. Молу мулки ғайриманқул (қитъаи замин)

| Рамзи | Номгӯи қитъаи замин, аз ҷумла дар хориҷа | Масоҳат(га) | Маҳалли ҷойгиршавӣ ва бақайдгирӣ | Ном, сана ва рақами бақайдгирии ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи замин | Маблағи андози пардохтшуда (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 001 | Қитъаи замини наздиҳавлигӣ | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 002 | Қитъаи замин барои хоҷагии ёрирасони шахсӣ | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 003 | Қитъаи замин барои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 004 | Дигар қитъаи замин (таъиноти қитъаи замин) | 0 | 0 | 0 | 0 |
| | Ҷамъи бандҳои 1-4 | 0 | | | 0 |

# Банди III. Молу мулки манкул

Банди III. Молу мулки манқул

| Рамзи | Номгӯи молу мулк(моликияти хусусӣ), аз ҷумла дар хориҷа | Миқдор | Тамға ва соли барориш | Маҳалли бақайдгирӣ | Ном, сана ва рақами бақайдгирии ҳуҷҷати тасдиққунанда | Маблағи андози пардохтшуда (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 001 | Автомобили сабукрав | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 002 | Автомобили боркаш | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 003 | Мотосикл | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 004 | Техникаи кишоварзӣ | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 005 | Дигар воситаҳои нақлиёт ва техникаҳои таъиноташон гуногун (номгӯи воситаи нақлиёт ва техникаи таъиноташон гуногун) | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| | Ҷамъи бандҳои 1-5 | 0 | | | | 0 |

# Банди IV. Саршумори чорво ва парранда

| Банди IV. Саршумори чорво ва паранда | | |
|---|---|---|
| **Рамзи** | **Номгӯй** | **Саршумор** |
| 001 | Чорвои калони шохдор | 0 |
| 002 | Чорвои хурд | 0 |
| 003 | Асп | 0 |
| 004 | Паранда | 0 |
| 005 | Дигар ҳайвонот (номгӯи ҳайвонот) | 0 |
| | Ҷамъи бандҳои 1-5 | 0 |

# Банди V. Саҳмдорӣ дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ

Банди V. Саҳмдорӣ дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ

| № | Шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва номи ташкилоти тиҷоратӣ | Маҳалли ҷойгиршавӣ (нишонӣ) | Сармояи оинномавӣ (сомонӣ) | Ҳиссаи иштирок (саҳмияҳо) бо фоиз | Ном, сана ва рақами шартнома ва ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунанда | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | + |

# Бандӣ VI. Қоғазҳои қимматнок

Бандӣ VI. Қоғазҳои қиматнок

| № | Намуд (ном)-и қоғазҳои қиматнок, аз ҷумла дар хориҷа | Ташкилоте, ки қоғазҳои қиматнокро баровардаст | Маҳалли ҷойгиршавии ташкилот | Шумораи қоғазҳои қиматнок | Арзиши умумӣ (сомонӣ) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | + |

# Банди VIII. Металл ва сангҳои қимматбоҳо

Банди VIII. Метаалл ва сангҳои қиматбоҳо

| № | Макони нигоҳдорӣ (номи ташкилоти қарзӣ), аз ҷумла дар хориҷа | Ном ва намуди металл ва сангҳои қиматбаҳо | Миқдор | Иёр (проба) | Арзиш (сомонӣ) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | + |

# Банди IX. Уҳдадориҳои хусусияти молиявӣ дошта

Банди IX. Уҳдадориҳои хусусияти молияви дошта

| № | Ном ва маҳалли ҷойгиршавии ташкилоти қарзӣ, дигар шахсони воқеъӣ ҳуқуқӣ | Сана ва рақами шартнома | Мӯҳлати уҳдадорӣ (қарз) | Маблағи уҳдадорӣ (қарз), (сомонӣ) | Фоизи солонаи уҳдадорӣ (қарз) | Бақияи қарз дар санаи пешниҳод | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | + |

Дар охир, нишондиҳандаҳои зикргардида бо пахши тугмачаи **«Ҳисобкунӣ»** ҷамъбаст гардида, бо пахши тугмачаи **«Сабткунӣ»** эъломия оид ба вазъи амволи хизматчии давлатӣ сабт карда мешавад



Ҷустуҷӯи маълумот оид ба эъломияи хизматчии давлатӣ тавассути пахш намудани тугмачаи «**Ҷустуҷӯй**», ки дар қисми болои Барнома мавҷуд мебошад, анҷом дода мешавад.
Бо ин мақсад, дар қисмати «**Санаи пешниҳод (аз-то)**» санаи ворид намудани эъломияро ворид карда, тугмачаи «**Ҷустуҷӯй**»-ро пахш намудан зарур мебошад



Баъд аз пахши тугмачаи «**Ҷустуҷӯй**» натиҷаи он дар монитори компютер нишон дода мешавад ва барои кушодани эъломия дар қисмати «**Амалҳо**» аломати «**қаламча**» пахш карда мешавад





Меню | Асосӣ | Ӯтоқи шахсии андозсупоранда | Огоҳиномаҳо | Пардохтҳо | Объектҳои молу мулки ғайриманқул | Воситаи нақлиёт

ITMIS

САРСАҲИФА > Эъломияҳо

Асосӣ | Эъломияи андоз аз даромад | Замимакунии файлҳо | Ҷустуҷӯ

ВОРИДКУНИИ ТАҒИРОТ БА ЭЪЛОМИЯИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТӢ

Нозироти андоз: ноҳияи Фирдавсӣ

Намуди эъломия: Навбатӣ

Ному насаб ва номи падар: Халимова Замира Салохиддиновна

РМА: 035144587

Давраи ҳисоботӣ: 2020

Мӯҳлати пардохт: 01.04.2021



Меню | Асосӣ | Ӯтоқи шахсии андозсупоранда | Огоҳиномаҳо | Пардохтҳо | Объектҳои молу мулки ғайриманқул | Воситаи нақлиёт

**Банди I. Молу мулки ғайриманқул (биною иншоот)**

| Рамзи | Номгӯи даромад, аз ҷумла дар хориҷа | Маблағи даромад (бо сомонӣ) | Маблағи андози пардохтшуда (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 001 | Даромад аз ҷойи кори асосӣ | 1000 | 140 |
| 002 | Даромад аз ҷойи кори қайриасосӣ(дар ҳолати дар ду ё зиёда ҷой кор кардан бо нишон додани ҷой(ҷойҳои)ғи кори ғайриасосӣ) | 0 | 0 |
| 003 | Даромад аз фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ (бо нишон додани намуди фаъолият ва ҷойи кор) | 0 | 0 |
| 004 | Даромад аз иҷораи молу муулк | 0 | 0 |
| 005 | Даромад аз қитъаи замини наздиҳавлигӣ | 0 | 0 |
| 006 | Даромад аз замин ба иҷора гирифташуда (додашуда) | 0 | 0 |
| 007 | Даромад аз пасандозҳои бонкӣ | 0 | 0 |
| 008 | Даромади аз доштани саҳм дар сармояи оиномавии ташкилотҳои тиҷорат (аз ҷумла суди саҳмияҳо) ва дигар қоғазҳои қиматнок | 0 | 0 |
| 009 | Дигар даромадҳо (бо нишон додани намуди даромадҳо) | 0 | 0 |
| | Ҷамъи бандҳои 1-9 | 0 | 0 |




Барномаи мазкур имкон фароҳам овардааст, ки ҳуҷҷатҳои барои тартиб додани эъломия истифода бурда шудаанд, ба Барнома ҳамзамон дохил карда шаванд.

Бо ин мақсад, дар зерқисми «**Меню**» тугмачаи «**Замимакунии файлҳо**»-ро пахш намуда, барои ворид кардани ҳуҷҷатҳои эъломия (маълумотнома оиди музди меҳнат, расидҳои пардохти андози амвол, андози замин, андоз аз воситаҳои нақлиёт) тугмачаи «**Выберите файл**»-ро пахш намуда, аз компютер ҳуҷҷатҳоро интихоб ва ба Барнома ворид карда шаванд.

Ҳамзамон барои азназаргузаронии ҳуҷҷатҳои воридшуда тавассути пахши ибораҳои дахлдор (квитанция об уплате налоговых обязательств, справка о доходах) метавон истифода бурд.

# Пас аз ворид намудани хама маълумотходар сахифаи асосӣ тугмачаи «Равонкунӣ» -ро пахш намоед






Барои чоп намудани эъломия дар қисмати «**<u>Амалҳо</u>**» аломати «**<u>Чоп кардан</u>**»-ро пахш намуда, варақаи эъломияро чоп намудан имконпазир мебошад




Бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, № 412 тасдиқ шудааст

Халимова Замира Салохиддиновна

РМА: 035144587

Нозироти андоз: ноҳияи Фирдавсӣ

Намуди эъломия: Навбатӣ

Даврай андоз: 2020

Санаи пешниходи эъломия: 02.02.2021

Санаи пардохт: 01.04.2021

Рақами телефон: +992501102494

Мансаб (вазифа) ва ҷои кор: Сармутахассис

Ҷойи истиқомат ва нишонаи электронӣ: куч. Суворов

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МОЛУ МУЛК**

**1. Молу мулки ғайриманқул (бинову иншоот)**

| Номгуи молу мулк (моликияти хусусӣ) аз ҷумла: дар хориҷа | Миқдор | Масоҳат (м2) | Маҳали ҷойгиршавӣ ва бақайдгирӣ | Сана ва рақами бақайдгирии ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи моликият | Маблағи андози пардохтшуда (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| Хонаи истиқоматӣ (квартира) | | | | | |
| Хонаи истиқоматӣ (чавлӣ) | 1,00 | 108 | Суворов | 18.04.2015, №454 | 108,00 |
| Бӯстонсаро | | | | | |
| Дигар молу мулки ғайриманқул | | | | | |
| **ҲАМАГӢ** | **1,00** | | | | **108,00** |

**2. Молу мулки ғайриманқул (қитъаи замин)**

| Номгӯйи қитъаи замин, аз ҷумла дар хориҷа | Масоҳат (га) | Маҳали ҷойгиршавӣ ва бақайдгирӣ | Ном, сана ва рақами бақайдгирии ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи замин | Маблағи андози пардохтшуда (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| Қитъаи замини наздиҳавлигӣ | | | | |
| Қитъаи замин барои хоҷагии ёрирасони шахсӣ | | | | |
| Қитъаи замин барои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) | | | | 0,00 |
| Дигар қитъаи замин | 0,00 | | | 0,00 |
| **ҲАМАГӢ** | **0,00** | | | **0,00** |

**3. Молу мулки манқул**

**4. МАЪЛУМОТ ОИД БА САРШУМОРИИ ЧОРВО ВА ПАРАНДА**

| Номгӯй | Саршумор |
|---|---|
| Чорвои калони шохдор | 0,00 |
| Чорвои хурд | 0,00 |
| Асп | 0,00 |
| Паранда | 0,00 |
| Дигар ҳайвонот | 0,00 |
| **ҲАМАГӢ** | **0,00** |

**5. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ДОШТАНИ САҲМ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ ТИҶОРАТӢ ВА ҚОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК**

**1. Саҳмдорӣ дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ**

| Шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва номи ташкилоти тиҷоратӣ | Маҳали ҷойгиршавӣ (нишонӣ) | Сармояи оинномавӣ (сомонӣ) | Ҳиссаи иштирок (саҳмияҳо) бо фоиз | Ном, сана ва рақами шартнома ва ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунанда |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| **ҲАМАГӢ** | | | | |

**2. Қоғазҳои қиматнок**

| Намуд (ном)-и қоғазҳои қиматнок, аз ҷумла дар хориҷа | Ташкилоте, ки қоғазҳои қиматнокро баровардааст | Маҳалли ҷойгиршавии ташкилот | Шумораи қоғазҳои қиматнок | Арзиши умумӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| **ҲАМАГӢ** | | | | |

**6. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ПАСАНДОЗҲО ВА МЕТАЛЛУ САНГҲОИ ҚИМАТБАҲО**

**1. Пасандозҳо (амонатҳо) дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ**

| Ном ва маҳали ҷойгиршавии бонк ё дигар ташкилоти қарзӣ бо нишон додани намуди пасандозҳо (амонатҳо), аз ҷумла дар хориҷа | Ном, сана ва рақами бақайдгирии ҳуҷҷати тасдиқкунанда | Мӯҳлати нигоҳдории пасандоз (амонат) | Намуди асъор | Маблағи пасандоз (амонат) |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| **ҲАМАГӢ** | | | | |

**2. Металл ва сангҳои қиматбаҳо**

| Макони нигоҳдорӣ (номи ташкилоти қарзӣ), аз ҷумла дар хориҷа | Ном ва намуди металл ва сангҳои қиматбаҳо | Миқдор | Иёр (проба) | Арзиш (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| **ҲАМАГӢ** | | | | |




Барои гирифтани маълумотнома дар хусуси аз ҷониби хизматчии давлатӣ супоридани эъломия дар қисмати «**Амалҳо**» аломати «**мактуб**» пахш карда мешавад.




Барои чоп намудани маълумотнома дар хусуси аз ҷониби хизматчии давлатӣ супоридани эъломия дар қисмати «**Амалҳо**» аломати «**Чоп кардан**» пахш карда мешавад.